Бо Фармоиши Вазорати рушди иқтисод ва савдоиҶумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2007 № 26 тасдиқ карда шудааст.

# ҲУҶҶАТҲОИ СТАНДАРТИИ ТЕНДЕРӢ

## ОИДИ ИНТИХОБИ МОЛРАСОН (ПУДРАДЧӢ)

## ПРЕДМЕТИ ОЗМУН:

## Сӯзишвории дизели

Даъватномаи иштирок дар озмуни №19/15 Рӯзномаи «Имруз News» №90 (1091) аз 3 июни соли 2015

ДУШАНБЕ – 2015

# МУНДАРИҶА

1. Маълумоти умумӣ оид ба тендер:
1.1. Номи расмӣ ва навъи тендер;
1.2. Ташкилкунандаи тендер;
1.3. Предмети тендер;
1.4. Макони гузаронидани тендер;
1.5. Мӯҳлати гузаронидани тендер;
1.6. Шартҳои махсус;
2. Талабот ба иштирокчиёни тендер ва ҳуҷҷатҳо, ки бояд пешниҳод гарданд:
2.1. Талабот ба иштирокчиёни тендер
2.2. Ҳуҷҷатҳое, ки бояд пешниҳод гарданд
3. Тартиби гузаронидани тендер ва бастани қарордод:
3.1. Мубодилаи маълумот байни ташкилкунанда ва иштирокчиёни тендер;
3.2. Тавсифи муқаррароти ҳуҷҷатҳои тендерӣ;
3.3. Ворид намудани тағйирот ба ҳуҷҷатҳои тендерӣ;
3.4. Тамдиди мӯҳлати додани дархостҳо;
3.5. Дархости тендерӣ;
3.6. Додан ва қабул кардани дархост;
3.7. Тағйир ва бозхонди дархост барои иштирок дар тендер;
3.8. Кушодани лифофаҳо бо дархостҳо барои иштирок дар тендер;
3.9. Баррасӣ, арзёбӣ ва муқоисаи дархостҳо барои иштирок дар тендер;
3.10. Рад кардани дархостҳои тендерӣ;
3.11. Муайянкунии ғолиби тендерӣ;
3.12. Интишори натиҷаҳои тендерӣ;
3.13. Риояи махфият;
3.14. Бастани қарордод;
4. Дастурамалҳо оид ба барасмиятдарории дархостҳои тендерӣ;
4.1. Тартиби таҳияи дархостҳои тендерӣ;
4.2. Барасмиятдарорӣ ва имзокунии дархостҳои тендерӣ;
4.3. Мӯҳрбандӣ ва тамғагузории лифофаҳо бо дархостҳои тендерӣ;
5. Супориш барои молрасонӣ, иҷрои кор ва хизматрасонӣ:
5.1. Таркиби супориш;
5.2. Тартиби пардохтҳо барои молрасонӣ, иҷрои кор ва хизматрасонӣ;
5.3. Ҷадвали молрасонӣ, иҷрои кор ва хизматрасонӣ;
6. Талабот ба арзиш ва тартиби муайянкунии он.
6.1. Муқаррароти умумӣ;
6.2. Арзиши дархост ва Шартнома;
6.3. Асъори арзиши дархост;
6.4. Хароҷотҳое, ки бояд аз ҷониби Иштирокчии тендер ба инобат гирифта шаванд;
7. Шаклҳо барои таҳияи дархости тендерӣ:
Шакли №№1,2,3,4,5,6,7,

*Ин ҳуҷҷат дар асоси талаботи сархати 4 қисми 1 моддаи 20 ва қисми 3 моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ" таҳия гардидааст*

1. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ОИД БА ТЕНДЕР

1.1. НОМИ РАСМӢ ВА НАВЪИ ТЕНДЕР

**Хариди Сӯзишворӣ барои автомашинаҳои хизматии Бонки миллии Тоҷикистон БО ИСТИФОДА АЗ УСУЛИ ОЗМУНИ ХАРИД АЗ ТАРИҚИ ИШТИРОКИ НОМАҲДУД, ки моддаи 25 қонуни мазкур муқаррар намудааст.**

1.2. ТАШКИЛКУНАНДАИ ТЕНДЕР

**Бонки миллии Тоҷикистон.**
Гузаронидани тендер тибқи Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» ба Комиссияи тендерӣ таҳти раисии **Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон** вогузор шудааст. Суроға ( *ҶТ. Ш. Душанбе.,хиёбониРӯдакӣ* 23/2)

1.3. Мавзӯи тендер

**Хариди Сӯзишворӣ барои автомашинаҳои хизматии Бонки миллии Тоҷикистон барои нимсолаи дуюм**

| № п/п | Номгӯи мол | Воҳиди ченак | Микдор |
|---|---|---|---|
| 1 | Сӯзишвории дизелӣ Л-62 | литр | 15 000,00 |
| 2 | Сӯзишвории бензин АИ-95 | литр | 15 000,00 |
| 3 | Гази моеъ | литр | 15 000,00 |

1.4. МАКОНИ ГУЗАРОНИДАНИ ТЕНДЕР

**Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе,х.Рӯдакӣ 23/2**

1.5. МӮҲЛАТИ ГУЗАРОНИДАНИ ТЕНДЕР

- Мӯҳлати охирини додани дархостҳои тендерӣ барои иштирок дар тендер дархостҳое, ки мутобиқи талаботи ҳуҷҷатҳои тендерӣ тартиб дода шудаанд бояд ба суроғаи ташкилкунандаи озмун на дертар аз **соати 09:00 таърихи 23 июни соли 2015** пешниҳод гарданд.
- Дархостҳо метавонанд бо мактуби супориши ба суроғаи ташкилкунандаи тендер ирсол гарданд ё бо хаткашон расонида шаванд.
- **Сана ва вақти кушодани дархост соати 9:00 санаи 23 июни соли 2015 дар суроғаи ташкилкунандаи тендер.**
- Ташкилкунандаи тендер мақсад дорад марҳилаҳои минбаъдаи тендери мазкурро дар мӯҳлатҳои тақрибии зерин гузаронад:
  1. Арзёби ва муқоисаи дархостҳои тендерӣ, муайянкунӣ ва эълони ғолиби тендер **- На дертар аз 26 июни соли 2015**
  2. Музокироти пешакӣ оид ба қарордод бо ғолиби тендер ва бастани қарордод.

**- Дар сурати муайян гардидани ғолиби озмун бастани қарордод дар мӯҳлати то 3 рӯз аз рӯзи эълон гардидани ғолиби тендер**

1.6. ШАРТҲОИ МАХСУС

| | |
|---|---|
| Давлати истеҳсолкунандаи мол: | Давлате, ки қонунгузории ҶТ манъ накардааст; |
| Молрасон бояд: | Дар ноҳияву вилоятҳои Ҷумҳурӣ дорои нуқтаҳои фуруши сӯзишвори бошад; |
| Тартиби расонидани мол: | Хизматрасони дар нуқтаҳои фуруши зӯзишворӣ; |
| Тартиби ҳисоббаробаркунӣ: | Тавассути кортҳои пластикӣ ва бо пешниҳоди ҳисобот барои ҳар моҳ; |

| | |
|---|---|
| Тартиби назорат: | Онлайн; |
| Мӯҳлати расонидани мол: | мувофиқи дархости ташкилоти харидор; |
| Шакл ва мӯҳлати пардохт: | Ғайринақди, ҳаҷми пешпардох минимали; |
| Мӯҳлати амали қарордод: | то 31 декабри соли 2015; |
| Кафолати мол: | стандартӣ; |
| Ҳаҷми ҷарима барои сари вақт иҷро накардани қарордод ва пардохт: | 0,01 фоиз барои ҳар як рӯзи таъхир аз маблағи батаъхирафтода; |
| Забоне, ки бо он қарордод бояд таҳия шавад: | Забони давлатӣ; |

1.6.1. ТАШКИЛКУНАНДА ҲУҚУҚ ДОРАД:

- Ҳар дархостро барои иштирок дар тендер рад намояд, ки ба талаботи ҳуҷҷатҳои тендери ҷавобгӯ нест, аз ҷумла ба талабот барои иштирокчиёни тендер ва маҳсулоти расонидашаванда, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ, инчунин тартибдиҳии дархост.
- Ҳамаи дархостҳои тендериро рад намояд ё тендерро ҳар лаҳза то натиҷагири қатъ намояд (дар ин ҳолат огоҳнома оид ба рад кардани ҳамаи дарохостҳо барои иштирок дар тендер ё қатъ намудани тендер аз ҷониби ташкилкунандаи тендер ба ҳамаи иштирокчиёни бақайдгирифташудаи тендер ирсол мегардад).
- Ҳангоми бастани қарордод бо ғолиб мазмуни дархости тендерӣ ва шартҳои қарордодро саҳеҳ кунад. Дар ин сурат шартҳои асосии ҳуҷҷатҳои тендерии мазкур ва дархости тендерӣ дар гуфтушунидҳои пешакии қарордодӣ наметавонанд тағйир ёбанд.
- Ташкилкунандаи тендер барои марҳилаи таҳия ва додани дархостҳои тендерӣ, ки бо ҳуҷҷатҳои тендерии мазкур муқаррар шудаанд, танҳо дар назди молрасон (пудратчие), ки ҳангоми гирифтани намуди чопии расми ҳуҷҷатҳои тендерии мазкур аз ҷониби ташкилкунандаи тендер ба қайд гирифта шудааст ӯҳдадораст. Минбаъд чунин молрасонҳо (пудратчиён) дар ҳуҷҷатҳои тендерии мазкур довталабони бақайдгирифташуда барои иштирок дар тендер номида мешаванд.
- Хароҷот марбут ба таҳия ва додани дархости тендериро иштирокчии тендер мепардозад.

**2. ТАЛАБОТ БА ИШТИРОКЧИЁНИ ТЕНДЕР ВА ҲУҶҶАТҲОЕ, КИ БОЯД ПЕШНИҲОД ГАРДАНД**

2.1. ТАЛАБОТ БА ИШТИРОКЧИЁНИ ТЕНДЕР

2.1.1. ИШТИРОКЧИИ ТЕНДЕР МЕТАВОНАД МОЛРАСОН (ПУДРАТЧИ) БОШАД, КИ:

- Фаъолияти соҳибкориро оид ба истеҳсоли мол, хариду фуруши (кор, хизматрасонӣ) амали менамояд;
- Барои амали намудани фаъолияти зарурӣ қобилияти ҳуқуқдорӣ мебошад;
- Ҳангоми гирифтани намуди чопии расмии ҳуҷҷатҳои тендерии мазкур аз ҷониби ташкилкунандаи озмун ба қайд гирифта шудааст;
- Барои иштирок дар тендер дархост додаст ва ё даъват шудааст.

2.1.2. ИШТИРОКЧИИ ТЕНДЕР НАБОЯД:

- Қарзҳои батаъхирмонда оид ба пардохтҳо ба буҷетҳои ҳамаи сатҳ ва фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ дошта бошад;
- Муфлис бошад;
- Дар раванди барҳамдиҳӣ ё тибқи талаботи қонунгузорӣ ба он баробар бошад;
- Амволе дошта бошад, ки барои иҷрои қарордоди дахлдор зарур асту тахти ҳабс мебошад;
- Фаъолияти тиҷоратиаш боздошташуда бошад (бозхонди иҷозатнома ва ғ.);
- Аз расмиёти харид дур карда шуда бошад ва ба Феҳристи молрасонҳои (пудратчиёни) беътимод (бевиҷдон) дохил шуда бошад.

2.1.3. Иштирокчии тендер, ки дорои имкониятҳо ва тахассуси худи барои иҷрои ҳамаи предмети тендер намебошад, метавонад барои иҷрои ҳаҷми муайяни предмети тендер ҳам иҷрокунандагонеро, ки дорои тахассуси талабшаванда мебошанд, ҷалб намояд.

2.1.4. Байни иштирокчии тендер ва ҳамиҷрокунандаи он то додани дархости тендерӣ бояд шартномаи пешакӣ баста шавад, ки руйхат, мӯҳлатҳо, арзиш ва тартиби иҷрои предмети тендерро бо ҳар як ҳамиҷрочӣ дар ҳолати бастани қарордод бо иштирокчии тендер муайян менамояд. Матни ин нусхаи шартномаи пешакии аз ҷониби ҳамаи тарафҳо имзошуда бояд ба таркиби дархост барои иштирок дар тендер дохил шавад.

2.1.5. Иҷрои предмети тендер аз тарафи ҳамиҷрочиён, ки дар дархости тендерӣ нишон дода нашудааст, танҳо бо розигии хаттии ташкилкнандаи тендер роҳ дода мешавад. Дар ин сурат иҷрокунандаи қарордод ӯҳдадор мешавад зарурати ҷалби ҳамиҷрочиёни навро асоснок кунад ва исбот кунад, ки вай наметавонист донад ва наметавонист то баохиррасии мӯҳлати додани дархости тендерӣ оид ба мавҷудият ё имконияти бавуҷудоии чунин ҳолатҳо тахмин кунад.

2.1.6. Иштироки шахсони аффилиравӣ (аффилированные лица) дар тендер, ҳамчун иштирокчии мустақили тендер манъ аст.

## 2.2. ҲУҶҶАТҲОЕ, КИ БОЯД ПЕШНИҲОД ГАРДАНД

2.2.1. Рӯйхати ҳуҷҷатҳое, ки бояд ҳатман ба таркиби дархости тендерӣ барои арзёбии мутобиқати иштирокчӣ ба талаботи ҳуҷҷатҳои тендерии мазкур пешниҳод гардад:

- Нусхаи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ.
- Нусха аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ.
- Нусхаи иҷозатномаҳо барои амалисозии навъҳои фаъолият, ки бояд иҷозатнома гирифта шаванд, агар онҳо барои иштирок дар тендер зарур бошанд.
- Нусхаҳои тавозунҳои муҳосибавии тасдиқнамудаи Иштирокчӣ ***барои 1 соли (гузашта)***.
- Маълумотномаи нозироти андози макони қайди Иштирокчии тендер, ки набудани қарзҳои ба таъхирмондаро оид ба пардохтҳо ба буҷетҳои ҳамаи сатҳ ва фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ тасдиқ мекунанд.
- Маълумотнома оид ба таҷрибаи морасонӣ, иҷрои кор ва хизматрасонӣ оид ба харидҳои қиёсӣ бо нишон додани фармоишгарон, мазмун, мӯҳлат ва арзиши иҷрои кор, бо замимаи мактубҳои тавсифӣ, тақризҳои фармоишгарон ё дигар ҳуҷҷатҳое, ки чунин таҷрибаро ҳодат медиҳанд (Шакли 3).
- Маълумотнома оид ба иштирок дар муҳокимаҳои судӣ (Шакли 4).
- Маълумот оид ба мавҷудияти захираҳои моддӣ-техникӣ (Шакли 5).
- Маълумотнома оид ба сохтори ташкилоти иштирокчии тендер бо нишон додани воҳиде, ки барои татбиқи харид мехоҳад ҷалб намояд (Шакли 6).
- Маълумот оид ба мутахассисоне, ки дар иҷрои кор иштирок хоҳанд кард (Шакли 7).
- Кафолати бонкӣ барои иҷрои шартҳои дархост- Шакли 8 ( талаб карда намешавад).
- Шартномаи пешакӣ, аз ҷумла бо ҳамиҷрочиён.
- Маълумотномаи мухтасар оид ба қарорҳои асосии тахминшаванда ҳангоми иҷрои предмети тендер. Агар иштирокчии тендер барои иҷрои предмети тендер ҳамиҷрочиёнро ҷалб намояд, ҳуҷҷатҳои дар банди 2.2.1. нишон додашуда ба ҳар як ҳамиҷрочӣ пешниҳод мешавад.

# 3. ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ ТЕНДЕР ВА БАСТАНИ ҚАРОРДОД

## 3.1. МУБОДИЛАИ МАЪЛУМОТ БАЙНИ ТАШКИЛКУНАНДА ВА ИШТИРОКЧИЁНИ ТЕНДЕР

3.1.1. Мубодилаи маълумот байни Ташкилкунандаи тендер ва иштирокчии тендер дар шакли хаттӣ амалӣ мегардад.

## 3.2. ТАВСИЯИ МУҚАРРАРОТИ ҲУҶҶАТҲОИ ТЕНДЕРӢ

3.2.1. Довталабони бақайдгирифташуда барои иштирок дар тендер ҳуқуқ доранд бо мактуб ё барқиянома аз Ташкилкунандаи тендер тавсияи муқаррароти ҳуҷҷатҳои тендерии мазкурро талаб намоянд. Ташкилкунандаи тендер ба ҳамаи дархостҳо оид ба тавсияи муқаррароти ҳуҷҷатҳои тендерӣ, ки то баохиррасии мӯҳлати додани дархост гирифтааст, ҷавоб мегӯяд. Ташкилкунандаи тендер ба довталабони бақайд-гирифташуда тавсия медиҳад, ки дархостҳояшонро на дертар аз 10 дақиқа то ба охиррасии мӯҳлати додани дархост барои иштирок дар тендер ирсол намоянд.

3.2.2. Ташкилкунандаи тендер то баохиррасии мӯҳлати додани дархостҳои тендерӣ барои иштирок дар тендер тавсияҳои хаттии муқаррароти ҳуҷҷатҳои тендериро дар мӯҳлате ирсол медорад, ки аз ҷониби довталабони бақайдгирифташуда дар вақташ додани дархостро барои иштирок дар тендер иҷозат диҳад. Марбут ба ин Ташкилкунндаи тендер дар ҳолатҳои зарурӣ метавонад мӯҳлати додани дархостро тамдид намояд.

## 3.3. Ворид намудани тағйирот ба ҳуҷҷатҳои тендерӣ

3.3.1. Ташкилкунандаи тендер то баохиррасии мӯҳлати додани дархостҳои тендерӣ метавонад ба ҳуҷҷатҳои тендерӣ бо роҳи ба довталабони барои иштирок дар тендер бақайдгирифташуда ирсол намудани иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои тендерӣ, ки минбаъд ҳамчун қисми ҷудонашавандаи таркибии ҳуҷҷатҳои тендерии мазкур баррасӣ мегарданд, тағйирот ворид намояд.

3.3.2. Ҳамаи довталабони барои иштирок дар тендер бақайдгирифташуда оид ба тағйироти аз ҷониби Ташкилкунанда воридкардашуда бо мактуб ё барқиянома огоҳ карда мешаванд.

3.3.3. Барои он ки ба довталабони барои иштирок дар тендер бақайдгирифташуда вақти иловагӣ барои ба инобат гирифтани тағйироти ҳуҷҷатҳои тендерӣ ҳангоми таҳияи дархостҳои тендерии худ пешниҳод гардад, Ташкилкунандаи тендер дар ҳангоми зарурат метавонад мӯҳлати додани дархостҳои тендериро тамдид намояд.

3.3.4. Ташкилкунандаи тендер дар назди иштирокчӣ барои нагирифтани маълумот оид ба тағйироти ҳуҷҷатҳои тендерӣ масъул нест, агар чунин иштирокчӣ ҳуҷҷатҳои тендериро бо тартиби ғайрирасмӣ гирифта бошад.

3.3.5. **Тамдиди мӯҳлати пешниҳоди дархост.**

3.3.6. Дар ҳолате агар Ташкилкунандаи тендер ба довталабони барои иштирок дар тендер бақайдгирифташуда оид ба тағйирот ё тавсифи муқарраротн ҳуҷҷатҳои тендерӣ маълумот мерасонад ё бо онҳо ҳуҷҷатҳои тендериро муҳокима менамояд, Ташкилкунандаи тендер ҳангоми зарурат метавонад мӯҳлати додани дархостро барои иштирок дар тендер тамдид намояд.

3.3.7. Огоҳнома оид ба тамдиди мӯҳлати додани дархост барои иштирок дар тендер дар мӯҳлати як рӯз ба ҳамаи довталабон барои иштирок дар тендер ирсол мегардад.

**3.3.8.** Ташкилкунандаи тендер дар назди иштирокчӣ барои нагирифтани маълумот оид ба тамдиди мӯҳлати додани дархости тендерӣ масъул нест, агар чунин иштирокчӣ ҳуҷҷатҳои тендериро бо тартиби ғайрирасмӣ гирифта бошад.

**3.3.9. Дархости тендерӣ**

3.3.10. Ҳар як иштирокчи барои иштирок дар тендер бояд дархости хатти барои иштирок дар тендер пешниҳод намояд.

3.3.11. Дархости тендери бояд тибқи талаботи дар фасли 4 ҳуҷҷатҳои тендерии мазкур инъикосшуда тартиб дода шавад.

3.3.12. Дархости тендерие, ки иштирокчии тендер таҳия намудааст, инчунин ҳамаи муросилот марбут бо ин дархости тендери бояд ба забони тоҷикӣ тартиб дода шавад. Ба ҳуҷҷатҳое, ки бо забонҳои хориҷӣ тартиб дода шудаанд бояд тарҷумаҳои тасдиқшуда ба забонҳои тоҷики замима гарданд.

3.3.13. Истифодаи забони дигар барои таҳияи дархости тендерӣ вайронкунии ҷиддии шартҳои тендер ҳисобида мешавад ва боиси рад кардани дархости тендерӣ мегардад.

3.3.14. Арзишҳое, ки дар дархости тендерӣ нишон дода шудаанд бояд бо асъори милли-сомонӣ инъикос гарданд.

3.3.15. Инъикоси маблағҳои пулӣ бо дигар асъор вайронкунии ҷиддии шартҳои тендер ҳисобида мешавад ва боиси рад кардани дархости тендерӣ мегардад.

3.3.16. Дар дархост барои иштирок дар тендер бояд мӯҳлати амали он нишон дода шавад.

3.3.17. То баохиррасии мӯҳлати амали дархост барои иштирок дар тендер ташкилкунандаи тендер ҳуқуқ дорад ба иштирокчии тендер пешниҳод намояд, ки ин мӯҳлат тамдид карда шавад. Иштирокчии тендер ҳуқуқ дорад чунин пешниҳодро рад кунад, дар ин сурат амали дархости он барои иштирок дар тендер дар мӯҳлати муққараршудаи аввала ба охир расад.

3.3.18. Ҳар як иштирокчии тендер метавонад танҳо як дархости озмуни диҳад. Дар ҳолате агар иштирокчи зиёда аз як дархости тендери диҳад ҳамаи дархостҳои тендерӣ, ки аз ҷониби вай дода шудааст, рад карда мешавад.

3.3.19. Комиссияи тендери ҳуқуқ дорад аз иштирокчиёни тендер тавсияи муққарароти дархостҳои барои иштирок дар тендер пешниҳодшударо талаб намояд .

3.3.20. Дархостҳои тендерии додашуда баъди кушодани лифофаҳо ба иштирокчиёни тендер баргардонида намешавад.

**3.4. Додан ва қабул кардани дархостҳои тендири**

3.4.1. Ба ташкилкунандаи тендер лифофа ё дархости тендерии асли ва нусхаро, ки тибқи муққарароти фасли 4 тартиб дода шудааст бо хатрасон ё мактуби супоришӣ бо огоҳонидан оид ба супоридан ба суроғаи ташкилкунандаи тендер медиҳад.

3.4.2. Вақти корӣ ташкилкунандаи тендер:
**Ҳамарӯза аз соати 8:00 то 12:00 ва аз соати 13:00 то 17:00 ба ғайр аз рӯзҳои шанбе ва якшанбе**

3.4.3. Ташкилкунандаи тендер бо назардошти дархости воридшуда оид ба қабули он бо нишон додани рӯз ва вақти қабули он дастхат медиҳад.

3.4.4. Ташкилкунандаи тендер таъкидона тавсия медиҳад, ки дастхати гирифташударо то рӯзи кушодани лифофаҳо ҳифз намоянд.

3.4.5. Дархости тендерие, ки аз ҷониби ташкилкунандаи тендер қабул гардидааст бо баохиррасии мӯҳлати дар банди 1.5 муқарраршуда баррасӣ намегардад ва дермонда ҳисобида мешавад.

**3.5. Тағйирот ва бозхонди дархост барои иштирок дар тендер**

3.5.1. Иштирокчии тендер ҳуқуқ надорад дархости худро барои иштьирок дар тендер, ки ташкилкунандаи тендер қабул кардааст, тағйир диҳад ё бозхонад, ба истиснои ҳолатҳои аз ҷониби ташкилкунандаи тендер ворид намудани тағйирот ба ҳуҷҷатҳои тендерӣ.

**3.6. Кушодани лифофаҳо дорои дархостҳо барои иштирок дар тендер**

3.6.1. Кушодани лифофаҳои дорои дархостҳои тендерӣ, дар макон ва вақти дар банди 1.4, 1.5 ҳуҷҷатҳои тендерии мазкур нишон додашуда, доир мегардад.

3.6.2. Иштирокчиёни тендер, ки барои иштирок дар тендер дархост додаанд, ё намояндагони онҳо ҳуқуқ доранд ҳангоми кушодани лифофаҳои дорои дархостҳо барои иштирок дар тендер иштирок намоянд.

3.6.3. Иштирокчиёни тендер бояд Ташкилкунандаи тендерро оид ба мақсади иштирок намуданашон ҳангоми кушодани лифофаҳо огоҳ намоянд.

3.6.4. Намояндагони иштирокчиёни тендер, ки хоҳиши иштирок кардан ҳангоми кушодани лифофаҳоро доранд, бояд бо худ шиноснома ва ҳуҷҷатҳое, ки додани дархости тендериро тасдиқ менамояд (дастхати Ташкилкунандаи тендер ё огоҳномаи почтавӣ оид ба ирсол намудан ба гиранда), ваколатнома аз иштирокчии тендер барои иштирок дар расмиёти кушодани лифофаҳо, дошта бошад.

3.6.5. Раис ва аъзоёни Комиссияи тендерӣ дар маҷлиси Комиссияи тендерӣ лифофаҳои дорои дархостҳо барои иштирок дар тендерро мекушоянд.

3.6.6. Лифофаҳои дорои дархостҳои тендерӣ бо тартиби баландшавии рақамҳои бақайдгирии онҳо кушода мешаванд. Раис ва аъзоёни Комиссияи тендерӣ лифофаи берuниро мекушоянд, баъдан лифофаи даруниро ва ба иштироккунандагон эълон мекунанд: ном, суроғаи иштирокчии тендер, арзиш ва шарҳи мухтасари шартҳои пешниҳодшавандаи молрасонӣ, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, масоили дар Хати шарҳдиҳанда ба пешниҳоди тиҷоратӣ зикршударо.

3.6.7. Ба ширкаткунандагони иштирокчиёни тендер то эълони пешниҳодот, мумкин аст лифофаҳои иловагӣ барои додани пешниҳодоти хаттӣ оид ба ворид намудани тағйирот ба дархости тендерӣ дода шавад.

3.6.8. Иштирокчии тендер дар мӯҳлати 20 дақиқа пешниҳодотро оид ба ворид намудани тағйирот ба дархости тендерӣ тайёр мекунад, ба лифофа мегузорад ва лифофаи муҳргузошташударо ба котиби Комиссияи тендерӣ медиҳад.

3.6.9. Лифофаҳои гирифташударо Раиси Комиссияи тендерӣ мекушояд ва пешниҳодоти воридшударо эълон мекунад.

3.6.10. Маълумоте, ки ҳангоми кушодани лифофаҳо гирифта мешавад, ба протоколи гузаронидани тендер дохил карда мешавад.

**3.7. Баррасӣ, арзёбӣ ва муқоисаи дархостҳо барои иштирок дар тендер.**

3.7.1. Баъд аз кушодани лифофаҳо ва имзои протоколи дахлдор Комиссияи тендерӣ бе иштироки намояндагони иштирокчиёни тендер дархостҳои тендериро барои муайянкунии мутобиқати онҳо ба талаботи ҳуҷҷатҳои тендерӣ баррасӣ менамояд.

3.7.2. Комиссияи тендерӣ ҳуқуқ дорад дархострo барои иштирок дар тендер ҳамчун ҷавобгӯ ба талаботи расмӣ танҳо дар он ҳолат баррасӣ намояд, вақте дархости тендерӣ ба ҳамаи талабот мутобиқ аст, ки бо ҳуҷҷатҳои тендерӣ пешбинӣ шудаанд ва дорои ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурии талабкунандаи ҳуҷҷатҳои тендерӣ бошад, ба истиснои камбудиҳои беаҳамият, ки ба андешаи Ташкилкунандаи тендер хусусият, шартҳо ва дигар талаботи пешбининамудаи ҳуҷҷатҳои тендериро моҳиятан тағйир намедиҳанд; ё агар он дорои хатоҳо ё ноаниқиҳое бошад, ки моҳияти дархострo тағйир надода ва дигар иштирокчиёнеро, ки дархостҳои тендерии ба талабот ҷавобгуро пешниҳод намудаанд, дар шартҳои нобаробар нагузошта бартараф кардан мумкин аст.

3.7.3. Қарор оид ба эътирофи дархосте, ки ба талаботи расмӣ ҷавобгӯст, агар он камбудиҳои беаҳамият дорад, ки ба андешаи Ташкилкунандаи тендер хусусият, шартҳо ва дигар талаботи пешбининамудаи ҳуҷҷатҳои тендериро моҳиятан тағйир намедиҳад; ё дархосте, ки дорои хатоҳо ё ноаниқиҳо бошад ва онҳоро бе тағйири моҳияти дархост ва дигар иштирокчиёни дархостҳои тендериро, ки дархостҳои тендерии ба талабот ҷавобгуро пешниҳод намудаанд, дар шартҳои нобаробар нагузошта бартараф

кардан мумкин аст, аз ҷониби Комиссияи тендерӣ бо воридкунии қарори мазкур ба протокол қабул мегардад.

3.7.4. Оид ба баррасии ҳар як дархост дар протокол вуҷуд доштан ё надоштани ҳуҷҷатҳои талабшаванда мутобиқи шартҳои ҳуҷҷатҳои тендерии мазкур дарҷ мегардад.

3.7.5. Агар дар натиҷаи баррасии дархости тендерӣ муқаррар гардад, ки дархост ба талаботи ҳуҷҷатҳои тендерӣ мутобиқ нест, Комиссияи тендерӣ оид ба рад кардани чунин дархост қарор қабул мекунад.

3.7.6. Комиссияи тендерӣ арзёбӣ ва муқоисаи маводҳои танҳо он дархостҳои тендериро амалӣ менамояд, ки ба талаботи расмии ҳуҷҷатҳои тендерӣ тибқи банди 3.9.2. ҳуҷҷатҳои мазкур эътироф шудаанд.

3.7.7. Мутобиқати иштирокчиёни тендер ба талаботи муқарраршуда аз ҷониби Комиссияи тендерӣ пеш аз баррасии моҳияти пешниҳодоти тиҷоратии пешниҳодгардида арзёбӣ мешавад.

3.7.8. Барои бавуҷудории фикри асосноккардашуда Комиссияи тендерӣ метавонад экспертизаи дархостҳои мустақил - ташкилотҳо ё экспертҳои алоҳида ҷалб карда шаванд.

3.7.9. Ҳангоми арзёбӣ ва муқоисаи дархостҳои тендерӣ Комиссияи тендерӣ меъёрҳои зерини арзёбии пешниҳодоти воридшудро истифода менамояд:

- Мавҷудияти мутахассисон бо тасдиқи тахассус оид ба предмети қарордод;
- Эҳтимолияти иҷрори бобарори қарордод, боэътимодии молрасон (пудратчӣ) ва ҳамиҷрочиёни пешниҳодшуда;
- Кор карда баромадани нақшаи идора ва ҳамкорӣ бо аҳли шартнома, ҳамиҷрочиён;
- Таҷрибаи умумии корӣ (мӯҳлати мавҷудияти ташкилот, миқдор ва ҳаҷми қарордодҳои иҷронамуда);
- Таҷриба ва тахассуси кормандони асосӣ, ки дар татбиқи қарордод ҷалб мешаванд;
- Мавҷудияти захираҳои моддӣ ва илмию техникӣ, ки барои иҷрои қарордод заруранд (аз он ҷумла пешниҳоди натиҷаҳои кор дар шакли электронӣ иҷро шудааст).
- Мавҷудияти низоми менеҷменти сифат, ки ба стандарти байналмилали мутобиқ аст;
- Вазъи молиявии (ё устувории) иштирокчии тендер;
- Нуфуз, шуҳрати корӣ;
- Асоснокии арзиш (мавҷудият ва тақсим дар сметаи хароҷоти ҳамаи хароҷот, ки барои иҷрои қарордод заруранд);
- Кор карда баромадани дархости тендерӣ яклухт, пурра ва босифатии маводҳои пешниҳодшуда, кифоятии онҳо барои арзёбӣ;
- Бартарияти арзиши дархости тендерӣ;
- Корҳои иловагӣ, хизматрасонӣ, хидматгузорие (сервис), ки ба арзиши қарордод дохил мешавад;
- Пешниҳод тибқи ҷадвал ва шартҳои пардохтҳо мутобиқи қарордод;

**3.8. Рад кардани дархостҳои тендерӣ**

3.8.1. Ташкилкунандаи тендер аз иштирок дар тендер дар ҳар марҳилаи гузаронидани он иштирокчии тендерро дур мекунад, дар ҳолати аз ҷониби вай пешниҳод шудани маълумоти ноаниқ оид ба мутобиқати он, инчунин оид ба мутобиқати ҳамиҷрочиёни он ба талаботи ҳуҷҷатҳои тендерии мазкур.

3.8.2. Комиссияи тендерӣ дархост барои иштирок дар тендерро дар ҳолатхое рад мекунад, агар:

- дархости тендерӣ ба талаботи пешбининамудаи ҳуҷҷатҳои тендерӣ ҷавобгӯ нест;
- иштирокчии тендер ба талаботи муқаррарнамудаи ҳуҷҷатҳои тендерӣ мутобиқат намекунад;
- иштирокчии тендер, ки дархост пешниҳод намудааст, аз додани тавсияи муқаррароти дархости тендерӣ даст мекашад;
- агар таъминоти кафолатии дархости тендерӣ ворид нашуда бошад;
- зиддияти манфиатҳо тибқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ»;
- арзиши дархости тендерӣ аз маблағи ҷудокардашуда зиёд аст;
- довталаб бо ислоҳоти арифметикӣ розӣ набошад.

**3.9. Муайянкунии ғолиби тендер**

3.9.1. Ғолиб иштирокчие эътироф мешавад, ки дархострo бо камтарин арзиши арзёбишуда, шартҳои беҳтарини молрасонӣ, иҷрои кор ва хизматрасонӣ мутобиқи маҳакҳои арзёбии дар банди 3.9. нишондодашудаи ҳуҷҷатҳои мазкур, пешниҳод намудааст.

3.9.2. Қарор оид ба ғолиби тендер мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» қабул мегардад.

3.9.3. Ташкилкунандаи тендер дар мӯҳлати се рӯз баъди муайянкунии ғолиби тендер иштирокчии ғолиби тендерро оид ба эътирофи он ҳамчун ғолиби тендер хабардор мекунад ва ба он огоҳномаи хаттӣ дар ин хусус ирсол менамояд .

**3.10. Хабарнома оид ба натиҷаҳои тендер**

3.10.1. Ташкилкунандаи тендер дар мӯҳлати се рӯз аз рӯзи муайянкунии ғолиби тендер иштирокчиёни боқимондаи тендерро оид ба натиҷаҳои он хабардор мекунад.

**3.11. Риояи махфият**

3.11.1. Маълумоте, ки ба баррасӣ, тавсия, арзёбӣ ва муқоисаи дархостҳои тендерӣ дахл доранд на бояд ошкор шаванд, ба истиснои ҳолатҳои дар қонунгузории амалкунанда пешбинишуда.

**3.12. Бастани қарордод**

3.12.1. Комиссияи тендерӣ ҳуқуқ дорад то бастани қарордод аз ғолиби тендер талаб намояд, ки мутобиқати онро ба талабот барои иштирокчиёни тендер, ки ташкилкунандаи тендер муқаррар намудааст, аз нав тасдиқ намояд.

3.12.2. Дар ҳолате агар баъди эълони ғолиби тендер ба Ташкилкунандаи тендер далелҳои номутобиқатии ғолиби тендер ба талабот барои иштирокчиёни тендер, ки ташкилкунандаи тендер муққарар намудааст, маълум шавад, дархости ғолиб барои иштирок дар тендер рад карда мешавад ва ғолиби нави тендер мутобиқи бандҳои 3.9. – 3.11. ҳуҷҷатҳои тендерии мазкур аз ҳисоби иштирокчиёни дигари озмун, ки мӯҳлати амали дархостҳояшон баохир нарасидааст, муайян мегардад.

3.12.3. Қарордод дар асоси пешниҳоди ғолиб тартиб дода мешавад ва аз ҷониби тарафҳо дар муҳлати то се рӯз аз рӯзи огоҳ намудани ғолиби тендер баста мешавад (имзо мегардад). Дар мӯҳлати нишондодашуда ғолиб аз тарафи худ нусхаҳои қарордоди имзонамуда ва пешниҳоднамудаи фармоишгарро имзо мегузорад ва як нусхаро ба ташкилкунандаи тендер бармегардонад.

3.12.4. Дар ҳолате агар ғолиби тендер дар муҳлати муқараршуда бе сабабҳои узрнок қарордодро имзо нагузошт ё тасдиқи гирифтани таъмини иҷрои ӯҳдадориро оид ба қарордод пешниҳод накард, ташкилкунандаи тендер ҳуқуқ дорад ғолиби нави тендерро мутобиқи бандҳои 3.9. – 3.11. ҳуҷҷатҳои тендерии мазкур аз ҳисоби иштирокчиёни дигари озмун, ки мӯҳлати амали дархостҳояшон ба охир нарасидааст, муайян кунад.

**4. Дастурҳо оид ба тартибдиҳии дархостҳои тендерӣ.**

**4.1. Тартиби таҳияи дархости тендерӣ**

4.1.1. Дархостҳои тендерӣ мутобиқи талаботи ҳуҷҷатҳои тендерии мазкур таҳия мегарданд.

4.1.2. Дархости тендерӣ дар бар мегирад: дархост барои иштирок дар тендер (шакли 1) маълумои тахассусии молрасон, (шакли 2) бо замимаи ҳуҷҷатҳое, ки дар банди 2.2. ҳуҷҷатҳои тендерии мазкур нишон дода шудаанд, маълумотномаҳое, ки мутобиқи шаклҳои дар фасли 7 замимашуда тартиб дода шудаанд ва хати шарҳдиҳанда (пояснительная записка) бо асоснокkунии қарорҳои пешниҳодшуда, арзиши кор ва мутобиқати ин қарорҳо ба талаботи техникӣ.

4.1.3. Хати шарҳдиҳанда (пояснительная записка) дар шакли ихтиёрӣ тартиб дода мешавад.

**4.2. Тартибдиҳӣ ва имзокунии дархости тендерӣ**

4.2.1. Дархости тендерӣ бояд аз ҷониби роҳбари ташкилот- иштирокчии тендер ё шахси ваколатдор ( бо замимаи ваколатнома) тартиб дода шавад ва имзо гардад ва бо мӯҳри расмии ташкилот тасдиқ шуда бошад. Ҳамаи саҳифаҳои дархости тендерӣ бояд аз ҷониби шахси дархости тендериро имзо намуда, имзо гузошта шуда бошад.

4.2.2. Ягон ислоҳот қувваи амал надорад ба истиснои ҳолатҳое, ки онҳоро шахси дархости тендериро имзонамуда, имзо гузоштааст.

**4.3. Мӯҳрбандӣ ва тамғагузории лифофаҳо бо дархостҳои тендерӣ**

4.3.1. Асли дархости тендерӣ дар лифофа бо нишонаи "асли дархости тендерӣ" мӯхрбандӣ - (лифофаи дохилӣ), баъди он ба лифофаи берунӣ гузошта мешавад, ки мӯҳрбандӣ мешавад.

4.3.2. Лифофаҳои дохилӣ ва берунӣ маълумотҳои зеринро бояд дарбар гиранд:

- суроғаи ташкилкунандаи тендер;
- номи тендер ва пакети мазкур

Дар лифофаҳо бояд ин нишона бошад: "То санаи муқараркарда шуда кушода нашавад»

4.3.3. Дар лифофаи дохилӣ ҳамчунин нишон додани ном ва суроғаи иштирокчии тендер зарур аст, то ки нокушода баргардонидани онҳо имконпазир гардад, агар дархости тендерӣ баъди ба охирасии мӯҳлати додани дархост ворид шавад.

Номи иштирокчии тендер дар лифофаи берунӣ нишон дода намешавад.

4.3.4. Агар ба лифофаи берунӣ мутобиқи талаботи муқаррарнамудаи ҳуҷҷатҳои тендерии мазкур мӯҳр ва нишона гузошта нашуда бошад, ташкилкунандаи тендер барои гум шудани он ё пеш аз мӯҳлати муққараршудани он масъул нест.

5. **СУПОРИШ БАРОИ ХАРИД**

4.1. ТАРКИБИ СУПОРИШ

Таркиби охирини супориш ҳангоми бастани қарордод муайян мегардад.

4.2. ТАРТИБИ ПАРДОХТҲО

Ҳангоми бастани шартнома (қарордод) барои (молрасонӣ, иҷрои кор ва хизматрасонӣ) ***пешпарохт пешбинӣ мешавад***

Пардохтҳо барои иҷрои супориш гузаронида мешавад – (муҳлатҳои пардохт).

5. **ТАЛАБОТ БА АРЗИШ ВА ТАРТИБИ МУАЙЯНКУНИ**

5.1. МУҚҚАРАРОТИ УМУМӣ

5.1.1. Молрасон (пудратчӣ) таҷриба ва дониши худро истифода намуда, таъмин менамояд:

- иҷрои (молрасонӣ, кор, хизматрасонӣ);
- супоридани предмети харид ;
- кафолати сифат нисбат ба предметҳои додашудаи харид.

5.1.2. Ҳангоми тартибдиҳии ҳисобҳо барои асосноккунии арзиши дархост аз ҷониби иштирокчии тендер мумкин аст усулҳои гуногун тадбиқ гардад, хусусан:

- захиравӣ,
- базисӣ-индексӣ,
- бо истифодаи хазинаи маълумот оид ба арзиши харидҳои қиёсии пеш амалигашта, ки экспертизаи давлатиро гузаштанд.

5.2. АРЗИШИ ДАРХОСТ ВА ШАРТНОМА

5.2.1. Иштирокчии тендер дархости тендерии худро бо дарназардошти дониш ва таҷрибаи худ оид ба (молрасонӣ, иҷрои кор ва хизматрасонӣ) нисбат ба харидҳои қиёсӣ таҳия менамояд.

5.2.2. Арзиши дархост ҳамаи пардохтҳои марбут ба (молрасонӣ, иҷрои кор ва хизматрасониро) дарбар мегирад.

*5.2.3.* Ба арзиши дархост андоз ба арзиши иловашуда (ААИ), ки тибқи қонунгузори пардохта мешавад, **дохил мешавад.**

5.2.4. Иштирокчии тендер дар дархости тендерии худ арзишро вобаста ба ҳолати 12 декабри **соли 2014** буда, муққарар менамояд.

5.3. АСЪОРИ АРЗИШИ ДАРХОСТ

Дар дархости тендерӣ бояд асъори тадбиқшаванда нишон дода шавад.

5.4. ХАРОҶОТХОЕ, КИ ИШТИРОКЧИИ ТЕНДЕР БОЯД БА ИНОБАТ ГИРАД

5.4.1. Дар арзиши дархост, дар ҳаҷми хароҷот бояд навъҳои хароҷоти зерин низ ба инобат гирифта шавад:

- Андозҳо, боҷҳо, пардохтҳо ва дигар маблағҳои ҳатмӣ, ки молрасон (пудратчӣ) мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми молрасонӣ, иҷрои кор ва хизматрасонӣ мегузаронад, инчунин андозҳо, боҷҳо, пардохтҳо ва дигар маблағҳои ҳатмие, ки ҳамиҷрочии он мутобиқи муқарраротиқонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми молрасонӣ, иҷрои кор ва хизматрасонӣ мегузаронад.

## ШАКЛҲО БАРОИ ТАҲИЯИ ДАРХОСТИ ТЕНДЕРӢ.

### ШАКЛИ №1

### ДАРХОСТ БАРОИ ИШТИРОК ДАР ТЕНДЕР

1. ______________________________________________________________
*(номи пурра ва мухтасари ташкилот)*

дархости мазкурро бо замимаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои иштирок дар тендер ирсол менамояд
______________________________________________________________
______________________________________________________________

2. Маҳалли ҷойгиршавӣ (суроғаи ҳуқуқӣ) ______________________________
______________________________________________________________

3. Арзиши пешниҳодшавандаи қарордод ______________________________

| № | Номгӯй мол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи воҳид | Маблағи умуми |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | |

______________________________________________________________
______________________________________________________________
*(бо рақам ва ҳарф)*

4. Мӯҳлати амали дархости тендерӣ ______________________________

6. Қарор оид ба натиҷаҳои тендер бояд ирсол гардад: ______________________
______________________________________________________________

7.

8. Роҳбари масъули кор: ______________________________________
______________________________________________________________
*(ному насаб, вазифа, рақами телефонҳо, факс, суроға, E-mail)*

9. Дурустии иттилооти пешниҳод шударо кафолат медиҳем.
Ба Дархост ҳуҷҷатҳои зерин замима мегарданд (руйхати ҳамаи ҳуҷҷатҳое, ки ба дархост замима мегарданд ______________________________________________
______________________________________________________________

____________________ ______________________________
(НН имзо) (вазифа)

ШАКЛИ №2

**АНКЕТАИ ИШТИРОКЧӢ**

Тендер оид ба ________________________________________________________________________
____________________________________________________________________________________

## 1 Маълумоти умуми оид иштирокчии ба тендер.

1.1 Номи Иштирокчии тендер, шакли ташкили ҳуқуқии он бо замимаи нусхаи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ:

1.2 Таалуқияти идоравӣ (агар чунин бошад)

1.3 Шакли ташкили-ҳуқуқии ташкилот – иштирокчии тендер

1.4 Шаҳодатнома оид ба қайд (сана ва рақам, аз ҷониби кӣ дода шудааст) бо замимаи нусха аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ, ки дар макони бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ на тезтар аз 30 рӯз, то баохиррасии мӯҳлати додани дархост барои иштирок дар тендерӣ мазкур дода шудааст.

1.5 Суроғаи ҳуқуқӣ.

1.6 Маҳалли ҷойгиршавии ҳақиқӣ.

1.7 Реквизитҳои бонкӣ (номи бонк, БИК, РМА, р/с и к/с)

1.8 Рақами телефонҳо, факс, суроғаи почтаи электронӣ

## 2 Вазъи молиявии иқтисодии ташкилот.

2.1 Пардохтпазирӣ:

- мавҷудият ва ҳаҷми карзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ бо замимаи нусхаи тавозуни муҳосибавӣ барои соли 3 (гузашта), ки аз ҷониби иштирокчии тендер тасдиқ шудааст ва марҳилаи ҳисоботии охирин то **31 декабри соли 2012** бо тамғаи мақомоти андоз оид ба қабули онҳо;
- маълумот оид ба саривакт иҷро намудани ӯҳдадориҳо оид ба пардохти андозҳо ба буҷети ҳама сатҳ ва пардохтҳои ҳатмӣ ба фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ бо замимаи маълумотномаи нозироти андоз дар макони қайди иштирокчии тендер, ки набудани қарзҳои батаъхирмондаро оид ба пардохтҳо ба буҷетӣ ҳама сатҳ ва фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ тасдиқ мекунанд.

2.2 Маълумот оид ба мучозоти иқтисодӣ (раванди муфлисшавӣ, барҳамдиҳӣ, азнавташкилдиҳӣ, боздоштани фаъолияти иқтисодӣ, ҳабси моликият) бо замимаи маълумотнома оид ба иштирок дар муҳокимаҳои судӣ (дар шакли ихтиёрӣ).

## 3 ИКТИДОРИ ИЛМИ ВА МОДДӢ ЕХНИКИИ ТАШКИЛОТ

3.1 Таҷрибаи муқоисавии молрасонӣ, иҷрои кор ва хизматрасонӣ бо нишон додани супоришдиҳандагон, мазмун, мӯҳлат ва арзиши молрасонӣ, иҷрои кор ва хизматрасонӣ бо замимаи мактубҳои тавсифӣ, тақризҳои супоришдиҳандагон ё дигар ҳуҷҷатҳое, ки оид ба чунин таҷриба шаҳодат медиҳанд.

3.2 Шуҳрати касбии ташкилот-довталаб (нашрҳо, иштирок дар барномаҳои соҳаи дахлдори ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, байналмилалӣ, дипломҳо,ҷоизаҳо, медаҳо ва ғайраҳо.).

3.3 Сохтори ташкилоти иштирокчии тендер бо нишон додани воҳиде, ки барои татбиқи предмети тендер мехоҳад ҷалб намояд, бо замимаи маълумотнома.

3.4 Маълумот оид ба мутахассисони асоси (ҳам штатӣ ва ҳам ғайриштатӣ), ки мехоҳад барои татбиқи қарордод ҷалб намояд.

3.5 Мавҷудияти захираҳои моддӣ техникӣ, ки барои иҷрои иҷрои қарордод заруранд, бо замимаи маълумотнома.

3.6 Маълумот оид ба мавҷудияти иҷозатнома, барои амалисозии навъҳои фаъолият, ки бояд иҷозатнома гирифта шаванд, агар онҳо барои иҷрои қарордоди давлатӣ заруранд бо замимаи нусхаи иҷозатнома аз ҷониби иштирокчии тендер тасдиқ шудааст .

## 4 Маълумот оид ба ҳамиҷочиёни ҷалбшуда.

4.1 Оид ба ҳар як ҳамиҷрочии ҷалбшуда маълумот дода мешавад ва ҳуҷҷатҳои дар бандҳои 1-4 анкетаи мазкур пешбинишуда замима мегарданд.

4.2 Шартномаи пешакӣ бо ҳамиҷрочӣ замима мегардад.

## 5 Маълумот оид ба мавҷудият ё набудани шахсони аффилирави иштирокчии тендер. (Шахсони воқеи ва ё ҳуқуқие, ки ширати довталаб дар тобеъияти ӯ қарор дорад ва шахсоне, ки дар идоракунии ин ширкати довталаб овоз доранд).

5.1 Ҳангоми мавҷудият ном, суроғаи ҳуқуқи ва асос барои эътирофи маълумоти шахсони аффилировӣ иштирокчиёни тендер нишон дода мешавад.

Ба анкета ҳуҷҷатҳои зерин замима мегарданд____________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

____________________ ______________________________
(НН имзо) (вазифа)

Шакли №3

## МАЪЛУМОТНОМА ОИД БА ҚАРОРДОДҲОИ ИҶРОНАМУДАИ ҚИЁСИ

| № п/п | Мӯҳлати иҷро (моҳи оғози иҷрои қарордод, моҳи анҷоми иҷрои қарордод) | Фармоишгар (ном,суроға, рақами телефонҳо) | Тавсифи қарордод (молрасонӣ, навъи кор ва хизматра сони, тавсифи шартҳои асосии қарордод) | Арзиши қарордод ҳаз.сомон и. | Маълумот оид ба натиҷаҳо, ҷавобҳо) | Маълумот оид шикоятҳо (мазмун ва хусусияти эътироз, даъваҳо ва ғайра.) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Сол | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | Ҳамаги: | | | | | |
| 2 | Сол | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | Ҳамаги: | | | | | |

Шакли №4

### Маълумотнома оид ба иштирок дар муҳокимаҳои судӣ

| № п/п | Соли оғоз ва анҷоми муҳокимаи судӣ | Ном ва суроғаи даъвогар | Ном ва суроғаи ҷавобгар | Моҳияти даъво ва маблағи бахсшаванда, сомонӣ | Карори қабулшуда |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

Шакли № 5

### Маълумот оид ба мавҷудияти захираҳои моддӣ техникӣ

| № п/п | Навъи таҷҳизот | Микдори воҳиди мавҷуда | Макони ҷойгиршавӣ | Ҳуқуқи моликият ё дигар ҳуқуқӣ ашёи | Номи соҳиб | Вазъ(нав, хуб, Бад, нну сол (сол) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| … | | | | | | |

Эзоҳ: Ҳангоми иҷрои кор пешниҳод мегардад, ки истифода шавад :

ШАКЛИ № 6

## Сохтори ташкилоти иштирокчии тендер

Вазифаи роҳбари ташкилот: ____________________________________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

______________________________ ______________________________

(НН имзо) (вазифа)

"____" ______________ сол

**Нишондод оид ба пуркунии шакл:**

*Нақшаи ташкилии кори иштирокчи оварда мешавад, аз сатҳи филиалҳо ва корхонаҳои фаръи огоз ёфта то ширкати асоси. Танҳо он корхонаҳо ва ҳамичрочиёне дохил карда мешаванд, ки тибқи шартномаи субмолрасони ва субпудрат молрасони мекунанд, кор ичро мекунанд. Барои ҳар як корхона нишон дода мешавад; мамлакат, шарҳ, иштироки мушахасс дар озмун ва гайра.*

**Шакли №7**

**Маълумот оид ба мутахассисоне, ки дар иҷрои**

**харид иштирок хоҳанд кард**

| *№ п/п* | *Мутахассисон* | *Миқдори одам.* | *Аз он ҷумла дорандагони:* | | *Ба кадом мўҳлат ҷалб карда мешаванд* |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | *Маълумоти олӣ* | *Собиқаи корӣ зиёда аз 3 сол* | |
| | Миқдори умумии мутахассисони ҷалбшаванда, аз он ҷумла: | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | Ҳамагӣ: | | Х | х | Х |